**Тақриз**

ба рисолаи илмӣ ва фишурдаи кори Акмалова Малоҳат Абдуллоевна дар мавзуи “Ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир оид ба роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст

**Мубрамияти таҳқиқот**

Рисолаи унвонҷӯй Акмалова Малоҳат Абдуллоевна дар мавзуи “Ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир оид ба роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон” ба яке аз вазифаҳои афзалиятноки давлат дар соҳаи маориф роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон дар ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир бахшида шудааст. Бояд тазаккур дод, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ ва рушди низоми давлатии роҳнамоии касбӣ яке аз равандҳои асосии тараққиёти давлат ба ҳисоб рафта, он тамоми минтақаҳои ҷумҳуриро дар бар мегирад ва ба наврасону ҷавонон имконияти гуногунро оид ба роҳнамоӣ ва интихоби касб таъмин менамояд.

Дар ин раванд муҳаққиқ Акмалова Малоҳат Абдуллоевна қайд менамояд, ки интихоби касб ниҳоят мураккаб буда, бевосита аз майлу хоҳиши наврасон, худбаҳодиҳӣ ва дараҷаи иддао, инчунин ҷаҳонбинии онҳо нисбати моҳияти иҷтимоии касб вобаста аст. Бинобар ин, муносибати касбмуайянкунӣ ҳамеша ба шахсият нигаронида шуда, қисми таркибии рушди ҳамаҷонибаи ӯро ташкил мекунад. Ин ҷараён дар наврасон ҳаваси касбомӯзиро бедор карда, аз ҷиҳати руҳӣ ва ахлоқӣ ба интихоби касб омода шудани онҳоро тақозо менамояд.

Боиси қайд аст, ки унвонҷӯ дар масъалаи моҳияти тарбияи иҷтимоии хонандагони синфҳои болоӣ ва омода намудани онҳо ба интихоби касб дар доираи масъалаҳои пажуҳишшаванда саҳми олимони хориҷиву ватанӣ, педагогҳо, файласуфон, ҷомеашиносон ва равоншиносонро таҳлилу баррасӣ намуда, таҳлили заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба роҳнамоии касбӣ, омилҳои таъсиррасон ба интихоби касби наврасону ҷавононро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Падидаи навгонӣ ва бозёфти илмии рисола бо он арзёбӣ мегардад, ки муаллиф аз нигоҳи тозаи пажуҳиш раванди ҳамкории педагогии оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосирро дар роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон таҳқиқ намуда, асосҳои илмӣ ва роҳҳои навини ҳамкории ҳадафмандона ва босамари оила, муассисаи таълимӣ

ва ҷомеаи муосирро дар рушди роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон роҳандозӣ кардааст.

Рисола ба талаботи “Барномаи рушди роҳнамоии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» ҷавобгӯ буда, доир ба яке аз бандҳои асоси он, ки ба тарбия намудани кадрҳои тахассусӣ дар самти роҳнамои касбӣ ва коркарди тарзу усулҳои нави корбарӣ бо наврасону ҷавонон ҷавобгӯ ба талаботҳои бозори меҳнат нигаронида шудааст, тааллуқ дорад.

Дар рисолаи тақризшаванда ҷиҳати ноил шудан ба ҳадаф ва санҷишу тасдиқи фарзия аз нигоҳи ҳалли масъалаву вазифаҳои зерин таҳқиқи худро ёфтааст:

- таҳлили заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба роҳнамоии касбӣ, омилҳои таъсиррасон ба интихоби касби наврасону ҷавонон;
- аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардани имкониятҳои раванди фаъолиятҳои корӣ дар шароитҳои нави иҷтимоӣ-иқтисодӣ барои ҷалби оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир ба тарбияи тамоилҳои касбии хонандагон;
- таҳияи тавсияҳои илмӣ-амалие, ки ба такмили самаранокии роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон зимни ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир равона шудааст;
- ҳамаҷониба таҳқиқ кардани вижагиҳои шакл ва усулҳои таъсири педагогии оила ва муассисаи таълимӣ дар тарбияи роҳнамоиҳои касбии наврасону ҷавонон;
- ба роҳ мондани корҳои таҷрибавию озмоишӣ бо истифода аз технология ва усулҳои нави ҳамкорӣ дар самти роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон;
- муайян кардани роҳҳои педагогии самарабахши тарбия барои волидон ва омӯзгорон дар самти роҳнамоиҳои касбии наврасону ҷавонон.

**Эътимоднокии натиҷаҳои** бадастомада дар партави истифода аз пойгоҳи методологӣ ва назариявии пажуҳиш такя ба маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот, ки ба мавзуъ ва ҳадафҳои пажуҳиш созгор ва мувофиқ аст; таҳлили шароит ва натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ; тасдиқи пешбиниву андешаҳое, ки дар фарзия ва ғояи пешбарандаи диссертатсия ба миён гузошта шудааст; тафтиши маводҳои озмоишӣ дар низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ ва касбӣ; таҷрибаи амалии фаъолияти касбӣ ва педагогии муаллифи рисолаи илмӣ тазоҳур шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқот иборат аз он аст, ки:

- аз диди назари нав таъсири оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа дар самти роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон мавриди таҳқиқ қарор ёфт;

- маҷмуи чорабиниҳои иҷтимоӣ-педагогӣ, роҳҳои ҳамкории муштараки оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир дар раҳёфти тамоюлҳои интихоби касби наврасону ҷавонон коркард шуд;

- байни оила, муассисаҳои таълимӣ ва ҷомеа ҷиҳати рушди роҳнамоии касбии хонандагон восита ва шаклҳои ҳамкории мақсаднок ва доимӣ ба роҳ монда шуд;

- дар ташкили роҳнамоии касбии ҷавонону наврасон фаъолияти меҳнатӣ муҳим арзёбӣ гардида, дар шароити иқтисоди бозоргонӣ дарёфти роҳҳои ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир дар ин самт ба таври назариявӣ ва амалӣ асоснок шуд;

- дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот ва корҳои озмоишӣ тавсияҳои илмӣ ва амалӣ барои волидон, омӯзгорон ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ коркард шуданд, ки ба баланд бардоштани сатҳи роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон мусоидат хоҳанд кард.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқотро** осори муҳаққиқони хориҷиву ватанӣ, педагогҳо, файласуфон, ҷомеашиносон ва равоншиносон роҷеъ ба имкониятҳои истифодаи ҳамаи воситаҳои таълиму тарбия дар омода намудани волидон ва омӯзгорон ба раҳнамоии касбинтихобкунии хонандагон, таҷрибаи пешқадами омӯзгорон, муассисаҳои таълимӣ ва ҷомеа дар таълиму тарбияи роҳнамоии касбӣ, қонуну консепсияҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар такмили назарияи педагогика ифода ёфта, аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бармеояд, ки дар он аз нуқтаи назари сохтори системавӣ роҳнамоии касбии хонандагон, моҳият ва хусусиятҳои ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа оид ба роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон тавсиф карда шудааст. Шароитҳои педагогии самараноки ташкили роҳнамоии касбии хонандагон ва ҳамкории муассисаи таълимӣ, оила ва ҷомеа дар ин раванд аз ҷиҳати илмӣ асоснок гардиданд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ** дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъала, омӯзиши дурусти таҳқиқотҳои назариявӣ ва озмоишӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии маводу натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои озмоишӣ бадастомада, дар истифодаи маҷмуи усулҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот; дар ташкил ва баргузор кардани таҳқиқоти озмоишӣ, тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар раванди озмоиш, таҳлили натиҷаҳо

ва коркарди маълумот, дар таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷаъбасти натиҷаҳои бадастомада ва дар коркарди таҳқиқоти диссертатсионӣ зоҳир мегардад.

Натиҷагирӣ аз кори амалӣ–таҷрибавӣ, ки дар диссертатсия ва маводҳои нашргардидаи унвонҷӯ инъикос гардидаанд, таҳқиқу баррасии ҷабҳаҳои илмӣ–методии масъаларо ба таври комил дар бар гирифта, муҳимияти раванди роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон ва самарабахш гардондани раванди таълим бо истифода роҳу усулҳои педагогии муосир муайян намудааст.

Қобили зикр аст, ки натоиҷи асосӣ ва арзишманди пажуҳиш дар маводҳои Паёми ДДОТ ба номи С. Айнӣ, Паёми ДМТ, маҷмӯаҳои маводҳои конфронсҳои илмӣ-амалӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ, мизҳои мудаввару семинар муфассал баррасӣ шудаанд, дар 9 мақола инъикос ёфтааст, ки 7 адади он дар нашрияҳои тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми ФР ба табъ расидаанд.

Диссертатсияи унвонҷӯй аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳрасти адабиёт таркиб ёфта, ҳаҷми он 170 саҳифаи чопи компютериро ташкил мекунад.

Пас аз овардани муқаддима масъалаҳои назариявиву амалии марбут ба кори таҳқиқотӣ дар ду боб ва зерфаслҳои алоҳида тақсим шуда, таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Дар муқаддимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқшаванда собит карда шуда, доир ба маводи таҳқиқ ва аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия, навгониҳои илмии диссертатсия, равиши таҳқиқи мавзуъ, манобеи пажӯҳиш ва сатҳи эътимоднокӣ ва коркарди мавзуъ маълумоти мушаххас оварда шудааст

Дар боби якуми рисола -“ **Масъалаҳои назариявӣ ва методологии роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон”** -роҷеъ ба асосҳои илмию педагогии раванди ташкили тарбияи меҳнатии хонандагон ҳамчун самти асосии роҳнамоии касбӣ сухан рафта, моҳият ва хусусиятҳои ҳамкориҳои оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа дар ин раванд ва роҳҳои самарабахши имконпазири ташкили он, омӯзиш ва таҳлили таълифоту таҳқиқоти илмӣ вобаста ба мавзуъ ба таври мушаххас мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар диссертатсия собит шудааст, ки ҳангоми кори муштараки хонавода ва муассисаи таълимӣ махсусиятҳои синнусолии хонандагон бояд ба назар гирифта шаванд ва ин ба инкишофи ҷисмонӣ ва қобилияти кории онҳо ва тобоварии организм мусоидат мекунад. Зиёда аз он, аз ҷониби муаллифи рисола муайян карда шудааст, ки беҳбудӣ дар омодагиҳои омӯзиши касбу ҳунар имкон медиҳад, ки барои ба ҳар аъзои

ҷомеа интихоби баробар ва озоди дарсҳо ва ихтисосҳо бо назардошти на танҳо манфиатҳои шахсӣ, балки ҷамъиятӣ шароити воқеъиро фароҳам оварад. Тарбия ва омодасозии мутахассисони баландихтисос дар шароитҳои нав бояд барои ба даст овардани чунин донишҳо, малакаҳо, маҳоратҳое нақшабардорӣ шавад, ки ба хонандагон имкон бидиҳад навъҳои нави касбу корро азхуд кунанд ва қобилиятҳои фикрӣ ва ҷисмонии худро инкишоф диҳанд.

Барои омӯзиши шахсияти хонанда аз усулҳои дигари оморӣ, саволнома ва тест истифода намудааст. Натиҷаҳои санҷишро омӯзгор тавассути муқоиса ҷамъбаст ва хулосабарорӣ намуда, аз таҳлилу таҳқиқоти гузаронидашуда масъалаҳои ба такмил ниёз доштани ҷалби наврасону ҷавонон ба касбомӯзӣ, тарбия намудани онҳо дар руҳияи меҳнатдӯстӣ чун кадрҳои тахассусӣ дар самти роҳнамои касбӣ барои баргузории таҳқиқот муайян намудааст.

**Боби дуюми рисола "Корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ доир ба самтҳои асосии фаъолияти муштараки оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаро оид ба роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон"** -ро дар бар гирифта, унсурҳои асосии таъсиррасони низоми тамоилҳои касбии хонандагон, ки сифатҳои арзишманди шахсияти онҳоро ифода мекунанд, муайян карда шуданд. Ҳар як унсурҳои ташкилдиҳандаи низом ҷиддан вазифаҳои муайяншудаи худро иҷро мекунанд, ки таснифоти пурраи онҳо, шарҳи вазифаҳо **дар зербоби аввали** боби мазкур ба таври муфассал оварда шудаанд. Унсурҳои низоми омода кардани хонандагон ба фаъолияти асосӣ, ки мо нишон додем, бояд сифатҳои басо муҳими шахсияти инсони навро дар самти тамоили касбӣ ташаккул диҳад.

Чунонки аз муҳтавои рисола бармеояд, баҳри муваффақ шудан ба ҳадафи гузошташуда дар таълими экспериментали системаи комили тамоили касбии хонандагонро таҳия ва дар амал ҷорӣ гардида, ки ҳадаф аз он ифшои камбудиҳо ва бартараф намудани онҳо буд.

Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои кори илмӣ солҳои 2018-2022 дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, семинарҳои илмӣ-методӣ ва мизҳои мудаввар баррасӣ ва тасвиб гардиданд. Татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот дар пойгоҳи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №15, 16, 17 ва 20 шаҳри Хуҷанд, Литсеи физика ва математикаи ба номи Муҳаммад Осимии шаҳри Хуҷанд, Мактаб-гимназияи №24 шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд дар муддати 5 сол (солҳои 2018-2022) сурат гирифта, самаранокии худро собит сохтаанд.

Дар марҳилаи назоратии озмоиши бо волидони хонандагони гурӯҳҳои экспериментали ва санҷишӣ роҷеъ ба саволи "Саҳми падару модарон дар роҳнамоии касбӣ, омӯзиш ва интихоби касби фарзандон"

бо роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ суҳбат гузаронида шуд, ки дар бобат муаллиф маълумоти муфассалро тариқи ҷадвалҳо ва диаграммаҳо пешниҳод намудааст.

Ба андешаи муаллиф, қисми зиёди хонандагон аз надоштани шароит, имконият ва хоҳиш дар омӯзиши касбу ҳунар фориғболӣ намуданд. Ҳангоми таҳлили ҳолати кунунӣ ва пешбинии таъмин будани иқтисоди мамлакат бо мутахассисони дорои маълумоти миёнаи касбӣ лозим аст, ки корҳои басо зиёдеро анҷом диҳад, то ин ки равобити мутақобилаи муассисаи таълимӣ  ва оиларо рушд диҳанд, доираи имконоти ин гуна робитаҳо барои падару модарон васеъ гардонанд.

Дар ҷараёни роҳандозии корҳои таҷрибавӣ аз ҷони унвонҷӯ Акмалова Малоҳат ошкор шудааст, ки раҳнамоии иҷтимоӣ-касбӣ ин раванди диалектикии ташаккул додан, рушд ва такмили самтгирии касбӣ, қобилиятҳо ва сифатҳои ахлоқӣ буда, он аз оила оғоз ва дар мактаб, литсей, коллеҷ, мактаби олӣ ва истеҳсолот идома меёбад. Дар ҳалли вазифаҳои иҷтимоӣ-психологӣ дар навбати аввал ҳалли масъалаи баланд бардоштани зудҳаракатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии деҳот, ҷалби онҳо ба кори оянда дар соҳаҳои гуногуни иқтисоди ҷумҳурӣ ва дар қадами дуюм таъмини онҳо ба мутобиқати иҷтимоӣ-психологии деҳот ба шароитҳои маҳали шаҳр дар таҳсил, муҳити зист, рафтор ва ғайра қарор мегиранд.

Ба ақидаи муҳаққиқ ба таври мунтазам тавассути васоити ахбори омма, телевизиону радио, шабакаҳои иҷтимоӣ ва порталу сомонаҳои интернетӣ ташкил намудани пахши барномаҳо бо ширкати мутахассисони касбу ҳунарҳои мухталиф оид ба масъалаҳои тамоюли касбӣ ба хонандагон дар интихоби бошууронаи касб кӯмак ва мусоидат намудан, муҳим арзёбӣ мегардад.

Барои аз байн бурдани камбудиҳои нишондодашуда роҳҳо ва воситаҳои баланд бардоштани самаранокии кори муштараки тамоили касбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, коллеҷҳо ва литсейҳоро муайян намудаанд. Дар ин росто муҳаққиқ дарёфтааст, ки барои огоҳӣ дар мавриди интихоби касб ва мутобиқшавии хонандагон ба шароитҳои муассисаҳои таълимӣ кори якҷояи онҳо таъсири мусбӣ мерасонанд.

Самтҳои асосии таъсиррасони ҳамкориҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва коллеҷҳо, литсейҳои касбии техникӣ, оила ва ҷомеаи муосирро ба роҳ мондан муҳим мебошад, зеро мавриди кори муштараки оила ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ махсусиятҳои синнусолии хонандагон ба назар гирифта мешавад.

Дар қисмати анҷомбахши диссертатсия аз ҷониби муаллиф тавсияҳо ҷиҳати истифодаи натиҷаҳои амалии таҳқиқот пешниҳод шудааст.

Бинобар итминони унвонҷӯй тақиқотҳои минбаъда оид ба роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон коркард ва фароҳам овардани шароитҳои психологию педагогӣ ва татбиқи роҳҳои инноватсиониро дар интихоби бошууронаи касб ба миён мегузорад.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия ва фишурдаи он баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд:

1. Бамаврид мебуд, агар муҳаққиқ Акмалова Малоҳат Абдуллоевна корҳои анҷомдодаи худро дар самти ташаккули роҳнамоии касбӣ, ошкорсозии самтҳои иртиботӣ ва имкониятҳои фаъолияти касбӣ дар ҳамкории оила, ҷомеа ва муассисаи таълимӣ дар шакли барномаи мукаммали кории озмоишӣ коркард намуда, тибқи он марҳилаҳои таҳқиқоти озмоиширо ба анҷом мерасонид. Дар ин маврид арзиши амалии тадқиқот бештар мегардид.

2. Рисолаи илмӣ ва рӯйхати адабиёти истифодашудаи рисолаи номзадӣ корҳои илмии олимони ватаниро, ки ба рушди педагогикаи ватанӣ ва махсусан ба роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон бахшида шудаанд, ба қадри кофӣ дар бар намегиранд.

3. Дар боби дуюми рисола дар мавриди корҳои озмоишӣ мебоист кор бо ҷомеаи муосирро низ дар самти ташаккули роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон дар ҳамкории оила ва муассисаи таълимӣ васеътар ворид намуда, натиҷагирӣ менамуданд.

4. Тавсия мегардад, ки матни рисолаи илмӣ ва фишурдаи он як бори дигар мавриди таҳлил қарор ёфта, хатогиҳои имлоию техникӣ бартараф карда шаванд.

Бояд қайд намуд, ки камбудӣ ва нуқсонҳои зикргардида наметавонад аз арзиши аслии диссертатсия ва автореферати тақризшаванда чизеро коҳонад. Бинобар ин, дар асоси мазмуну муҳтавои рисола метавон ба хулосае омад, ки муқаддима ва бобҳои дохилии рисола тавонистаанд иттилои арзишмандеро дар бораи роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон дар ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир бозгӯ намоянд.

Нуқтаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои рисолаи илмӣ дар мақолаҳо, аз он ҷумла дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯйхати онҳо дар рисолаи илмӣ ва фишурдаи он дарҷ гардидаанд, интишор шудаанд.

Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи диссертант муҳтавои асосии рисолаи илмиро инъикос менамоянд. Рисолаи илмӣ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Акмалова Малоҳат Абдуллоевна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пурра мувофиқат мекунад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
мудири кафедраи педагогика ва
психологияи синфҳои ибтидоии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ **Фозилов С.М.**

10.02.2024 с.

**Маълумот барои тамос:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121;

Тел: (+992) 985756555; E-mail: suhrobf@inbox.ru

Имзои дотсент С.Фозиловро тасдиқ мекунам
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус **Мустафозода А.А.**